**Тақриз**

**ба автореферати Султонзода Гулбаҳор Абдувайит дар мавзуи «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ ва масоили маърифат, нақду тасҳеҳи мутуни адабии асрҳои X-XI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)**

Фарҳангшиносӣ яке аз қисматҳои адабиётшиносӣ маҳсуб ёфта, баробари омӯзиши таърихи фарҳангнигорӣ, сохту услуби таълифи фарҳангҳои асримиёнагӣ, арзишу аҳамияти онҳоро ҳамчун сарчашма низ таҳқиқ менамояд.

Дар мавриди омӯзиши фарҳангҳои қадим ва таълифи фарҳангҳои навини марбут ба адабиётшиносӣ, муҳаққиқони хориҷию ватанӣ тӯли асрҳои гузаштаву асри навин саҳми босазои худро гузоштаанд. Бо ин ки фарҳангнигорону муҳаққиқон зимни таҳқиқи мавзуоти ҷудогона дар атрофи “Маҷмаъ-ул-фурс”-и Муҳаммадқосим Сурурии Кошонӣ ва вежагиҳои ин фарҳанг ҷо-ҷо изҳори назар кардаанд, аммо ҳақиқат ин аст, ки то ҳанӯз ягон муҳаққиқе дар бобати хусусиятҳои адабии фарҳанг ва асноди шоҳиди он аз дидгоҳи адабиётшиносӣ пажӯҳиши комил ба анҷом нарасонидааст. Дар иртибот бо ин, метавон гуфт, ки рисолаи илмии Султонзода Гулбаҳор Абдувайит дар мавзуи «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ ва масоили маърифат, нақду тасҳеҳи мутуни адабии асрҳои X-XI» таҳқиқоти тоза ва дар адабиётшиносии муосири тоҷик мубрам ба ҳисоб меравад.

**Аҳаммияти қобили таваҷҷуҳи** мавзуи кори илмии унвонҷӯйи мазкур дар он инъикос мегардад, ки дар адабиётшиносии муосири тоҷик нахустин бор дар шакли як таҳқиқоти алоҳидаи диссертатсионӣ фарҳангнигории асримиёнагии форсӣ – тоҷикӣ дар намои “Маҷмаъ-ул-фурс”-и Сурурии Кошонӣ мавриди таҳқиқи фарогир қарор дода шудааст.

**Навгонии таҳқиқоти диссертатсионии** Султонзода Гулбаҳор Абдувайит дар он инъикос мегардад, ки бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик хусусиятҳои адабии фарҳанги “Маҷмаъ-ул-фурс”-и Муҳаммадқосим Сурурии Кошонӣ ва ашъори бозмондаи муаллифи фарҳанг ба таври

мукаммал таҳқиқу пажӯҳиш шуда, сарчашмаи муътамад будани ин фарҳанг дар омӯзиши мутуни адабии асрҳои X-XI эътироф гардидааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он собит мешавад, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии адабиётшиносии ватаниву хориҷӣ истифода шудааст. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методи таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқот** дар он зоҳир мешавад, ки натиҷаҳои он дар рушди минбаъда ва ҳаллу фасли масъалаҳои тозаи адабиётшиносии назариявию амалӣ, фарҳангнигорӣ, матншиносӣ, нақду тасҳеҳ ва шинохти паҳлуҳои мухталифи илмҳои мазкур, маърифат ва шарҳи адабиёт хизмат хоҳад кард. Натиҷаҳои тадқиқот барои муайян кардани ашъори бозмондаи суханварони асрҳои X-XI, дарёфти шакли саҳеҳ ва маънии дурусти силсилаи киноёту истиороти шоирона, нақду тасҳеҳи теъдоди абёти шоирони асрҳои X-XI мусоидат намуда, дар бораи шарҳу тафсири маҳорати суханварии Сурурии Кошонӣ ҳамчун шоир нақши муассир мегузорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ дар иртибот бо мавзуи таҳқиқаш 13 мақолаи илмиро ба нашр расонидааст. Аз мақолаҳои илмӣ 7 адад дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Федератсияи Россия, боқимонда дар дигар маҷмуаву нашрияҳо чоп гардидаанд. Маводи банашррасида бо мавзуъ ва мундариҷаи таҳқиқи диссертатсионии унвонҷӯй робитаи зич дошта, нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни онро инъикос менамояд ва ба ин тариқ, саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад.

Диссертатсияи Султонзода Гулбаҳор аз муқаддима, 3 боб, 8 фасл, 8 зерфасл, хулосаву тавсияҳо оид ба истифодаи амалии таҳқиқ, рӯйхати адабиёт, интишороти муаллиф дар мавзуи диссертатсия ва 2 замима иборат

буда, дар маҷмуъ 210 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад. Ҳар боб дар такя ба сарчашмаҳои муътамад бо сабки илмӣ нигошта шудааст.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия мубрамияти мавзуи интихобнамуда, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ ва робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ё мавзуоти таҳқиқ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тавсиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд.

Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, **нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд**, ки воқеан, дар илми адабиётшиносии тоҷик ва дар самти шинохту таҳқиқи фарҳангнигории асримиёнагӣ ва хусусан дар матншиносии осори адибони асрҳои X-XI аҳаммияти вежаи илмӣ доранд.

Боби якуми диссертатсия - **«Муҳаммадқосим Сурурии Кошонӣ ва мақоми «Маҷмаъ-ул-фурс»-и ӯ дар суханшиносии форсӣ – тоҷикӣ»** аз 3 фасл иборат буда, муаллиф кӯшидааст, дар онҳо роҷеъ ба зиндагинома ва рӯзгори Муҳаммадқосим Сурурии Кошонӣ, осори бозмондаи шоир, таҳлилу баррасии мавзуъ ва мундариҷаи ашъори Сурурӣ, таърихи таълифи фарҳанги “Маҷмаъ-ул-фурс”, таҳрирҳои минбаъдаи фарҳанг, аҳаммияти сарчашмавии он таҳқиқот бурдааст. Он чи дар ин боб бештар аз ҳама ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ҷустуҷӯҳои муаллиф доир ба нусхаҳои хаттии фарҳанг, омӯзишу баррасии нусахи нодири фарҳанг дар муқоиса бо нашри интиқодии он аст, ки муҳаққиқ дар ин бобат заҳамоти бисёре кашидааст.

Дар боби дуюми диссертатсия - **«Вежагиҳои фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс»**, ки аз 3 фаслу 2 зерфасл иборат буда, дар ин боб масоили сарчашмаҳои фарҳанг, хусусиятҳои адабию луғавии он, нақду шарҳ дар фарҳанг ва таҳлили киноёту истиороти фарҳанг мавриди баррасӣ қарор

гирифтаанд. Ин боб инъикоскунандаи тамоми вежагиҳои фарҳанг буда, муҳаққиқ дар ин қисмати рисола аз сохтору асноди шоҳиди фарҳанг то шарҳи истилоҳоти адабии он таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, ҳар як ҷузъиёти онро таҳлил намудааст. Маҳз дар боби мазкур арзиши адабии фарҳанг равшан баён карда шудааст.

Боби сеюми рисола - **«Масоили маърифати шеър ва матншиносии осори адабии асрҳои X-XI дар фарҳанги Сурурӣ»**, ки муҳтавии 2 фаслу 3 зерфасл мебошад, муаллиф роҷеъ ба асноди шоҳиди фарҳанг, ки ба осори адибони асрҳои X-XI таалluқ дорад, андешаҳои ҷолибе пешниҳод менамояд ва аҳаммияти сарчашмавии фарҳангро дар маърифату матншиносии осори ин давра хеле муҳим мешуморад. Дар зерфаслҳои фасли дуюм асноди шоҳиди фарҳанг ва шаклҳои гуногуни он дар нашрҳои минбаъда бо таҳлилҳои амиқ бо такя бар сарчашмаҳои муътамад оварда шудааст.

**Хулосаи диссертатсияи** Султонзода Гулбаҳор дарбаргирандаи асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои муаллиф буда, дар 12 банд натиҷагирӣ шудааст.

Тарҷумаи русии автореферат бо услуби илмӣ ва ба хубӣ анҷом пазируфта шудааст, ки ба талаботи таълифи фишурдаи рисолаҳои илмӣ ҷавобгӯ аст.

Баробари муҳассаноти зиёди рисола, дар автореферат якчанд нуқсонҳои ҷузъӣ ҳам ба чашм расиданд, ки инҳо хатогиҳои техникӣ ва услубӣ, аз қабили якҷоя шуда мондани ду-се калима дар ҳошияи автореферат ва пайиҳам истифода намудани пайвандаки “ва” дар як ҷумла, ки муродифоти онро ҳам гоҳо ба кор бурдан мумкин буд.

Дар маҷмуъ, хатоҳои мазкур бар камол ва пуррагии кор халали ҷиддӣ ворид намесозанд, зеро онҳо ислоҳпазиранд ва муаллиф метавонад дар корҳои минбаъдаи хеш онҳоро ислоҳ намояд.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои ба чоп расонидаи муаллиф муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, таҳқиқоти диссертант бо ихтисоси илмии интихобнамудааш мувофиқат менамояд.

Хулоса, таҳқиқоти номзадии Султонзода Гулбаҳор Абдувайит дар мавзуи «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ ва масоили маърифат, нақду тасҳеҳи мутуни адабии асрҳои X-XI» бо меъёрҳои роиҷи кори илмӣ комилан мутобиқ буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ мебошад.

Доктори илмҳои филологӣ,
директори Китобхонаи марказии илмии
ба номи И. Гандии Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон: Суфизода. Ш. З.
Адрес: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, Бузургзода, 14
Тел: +(992) 907701111
E-mail: Sufizadeh@gmail.com
Сана: 12.04.2024

Имзои Суфизода Ш. З.-ро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо: Назарова Ҷ.Д.

Адрес: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, Хиёбони Рӯдакӣ, 33
Телфон ва E-mail муассиса
Тел: +(992) 37 221 43 02
kmiamit@gmail.com

«18» ноябри 2024с.